# ISSAI 130

## КОДЕКСИ АХЛОҚ

Стандартҳои INTOSAI аз ҷониби Созмони байналмилалии мақомоти олии аудит (INTOSAI) дар доираи низоми ҳуҷҷатҳои касбии INTOSAI нашр мешаванд. Ҷиҳати дарёфти иттилооти иловагӣ аз веб-сомонаи www.issai.org боздид намоед.

**INTOSAI, 2019**

1) Қаблан ҳамчун ISSAI 30 маъруф буд.
2) Нусхаи аввал соли 1998 қабул шуд.
3) Нусхаи чорӣ соли  2016 тасдиқ шудааст.

4) Бо таъсиси Низоми ҳуҷҷатҳои касбии Intosai (IFPP)  дар соли 2019 аз нав  ҳамчун ISSAI 130 номугзорӣ шуда, бо тағйиротҳо ва таҳрири нав пешниҳод шудааст.

ISSAI 130 бо тамоми забонҳои расмии INTOSAI: арабӣ, англисӣ, франсавӣ, олмонӣ ва испанӣ дастрас аст.

## Муқаддима

Рафтору одоб ва ё рафтори этикӣ маҳфуми калидӣ барои мақомоти олии аудиторӣ маҳсуб меёбад, ки дар муайян кардани обрӯю нуфуз муҳим буда, барои эътимодбахшии ҷонибҳои манфиатдор равона карда мешавад. Кодекси ахлоқ барои МОА ( мақомоти олии аудит) ва кормандони он маҷмӯи арзишҳо ва принсипҳоеро дода метавонад, ки мебоист дар заминаи он рафтори хешро асос диҳанд. Азбаски аксаран муҳити аудити бахши давлатӣ аз муҳити бахши хусусӣ тафовут дорад, пас дар ин миён ҷомеаи байналмилалии МОА ба Кодекси ахлоқии хусусии хеш ниёз дошта, дар кори ҳамарӯза ва ҳолатҳои мушаххаси он оид ба чӣ гуна татбиқ намудани арзишҳодар раҳнамои иловагӣ ворид кардааст.

Аввалини Кодекси ахлоқи Созмони байналмиллалии мақомоти олии аудиторӣ (INTOSAI) дар Конгресси XVI –уми INTOSAI дар Монтевидео соли 1998 қабул шуд. Моҳи июни соли 2013, дар ҷаласаи худ дар Стокголм, Кумитаи роҳбарикунандаи Кумитаи стандартҳои касбии INTOSAI зарур донист, ки барои арзёбӣ ва азназаргузаронии Кодекси мавҷудаи ахлоқӣ баҳри мутобиқсозии он ба муҳити кунунии аудити бахши давлатӣ қарор қабул кунад. Бо назардошти ҳадафи мазкур комилан андешаҳои ҷомеаи INTOSAI тавассути пурсиши онлайнӣ дархост карда шуд. Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки бино ба андешаи ҷомеаи INTOSAI Кодекси мазкурро мебоист боз ҳам барои муфидсозии стандарти мақомоти олии аудиторӣ ва ҳалли муҳими мушкилоти мавҷудаи ҷорӣ мувофиқ созанд. Аксарияти посуххо нишон доданд, ки Кодекс бояд дар худ низомнома ва ё муқарраротеро дар бораи МОА фарогир бошад, ки дастурҳои муфассал ва намунаҳои беҳтарини таҷрибаҳоро дар бар гирад.

Пас аз гузаштани раванди мувофиқсозӣ, ки принсипҳои таҷдиди назари стандартҳои INTOSAI, аз ҷумла давраи таъсиррасонӣ, як марҳилаеро дар бар мегирад, ки дар он ҳамаи аъзоёни INTOSAI, шарикон ва ҷонибҳои манфиатдор имконият пайдо мекунанд, ки фикру андешаҳои худро баён карда, то тавонанд, ки тавсияҳои хешро оид ба ворид кардани тағироту иловаҳо пешниҳод кунанд. Кодекси ахлоқ, ки дар ин нашрия мутолиа шудааст, якдилона аз ҷониби Конгресси XXII –уми INTOSAI дар Абу-Дабӣ моҳи декабри соли 2016 қабул шудааст.

Кодекси нави ахлоқи INTOSAI аз ҷониби гуруҳи иборат аз намояндагони МОА аз Албания, Чили, Маҷористон, Индонезия, Қувайт, Мексика, Намибия, Нидерландия, Зеландияи Нав, Лаҳистон (Роҳбари гурух), Португалия, Африқои Ҷанубӣ, Шоҳигарии Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Шӯрои Стандартҳои байналмилалии ахлоқии муҳосибон (IESBA) таҳия гардидааст. Ба ҳайси раҳбари лоиҳа мехоҳам, бо самимияти хосае изҳори сипос кунам. Агар дар Кодекси мазкур саҳми пурарзиш, фидокорӣ ва садоқати онҳо намебуд, пас Кодекс то ин дараҷа таҳия намегардид. Маҳз ба шарофати донишу эҳтироми онҳо нисбат ба эҳтиёҷоти ҷомеаи INTOSAI, ки дар зинаи аввал дар пурсиши онлайнӣ

баррасӣ шуда буд ва баъдан дар  шиносоӣ, ки мо ба чунин усул ва сохтори Кодекси ахлоқ муваффақ шудем.

Тафовути асосии байни нусхаи нави Кодекс ва нусхаи 1998 дар он аст, ки МОА ҳамчун ташкилоте илова карда шудааст, ки нуқтаи назари корманди алоҳидаро (ҳам аудитор ва ҳамчунин  на аудиторро) дар бар мегирад, ки ҳадафи он барои ошкорсозӣ ва нишон додани вазифаҳои МОА марбут ба ахлоқу одоб мебошад.  Мақомоти олии аудиторӣ мебоист дар ташаккули фарҳанги ахлоқии созмонҳо нақши муҳими хешро дошта бошад, то кормандони мақомоти мазкур бо ҷудокунии  мушкилотҳои ахлоқӣ дар канор намонанд.

Аз ин қисмат ҳамаи уҳдадориҳои умумии мақомоти олии аудити Кодекс мебарояд, ки ҳуҷҷати  мавриди таҷдиди назар шуда,  ҳамчунин барои талабот ва истифодаи  дастурҳои дақиқ ва ҳадди муайянеро  барои ҳар як арзиши бунёдии ахлоқӣ  дар алоҳидагӣ номбар кардааст. Нововарии дигар сохтори МОА ҳуҷҷатеро дар бар мегирад, ки барои талаботи ахлоқии МОА дар алоҳидагӣ ва барои кормандони он боз ҳам дар алоҳидагӣ оварда шудааст.

Умедворам, ки тавассути равиши нав, Кодекси ахлоқии INTOSAI барои кормандони МОА, ҳамчунин барои созмонҳо ва кормандони онҳо муфидбахш буда, метавонанд ба мушкилоти муосир ва монеаҳои ҷорӣ, ҳамзамон ба  муҳити аудити ҷамъиятӣ вокуниш нишон диҳад.

Ясек Езерски (имзо)
Раиси гуруҳи ревизионӣ ISSAI 30
Najwyższa Izba Kontroli – Мақомоти олии тафтишотии Лаҳистон

## МУНДАРИЧА


1. **Муқаддима**

6

2. **УСУЛИ УМУМӢ НИСБАТ БА ОДОБИ РАФТОР** 8

Арзишҳои асоси ахлоқ 8

Хатарҳо ва воситаҳои идоракунӣ

9

3. **МАСЪУЛИЯТИ МУАСИСАҲОИ ОЛИИ РЕВИЗИОНӢ** 10

Кодекси ахлоқ 11

Сарварӣ 12

Раҳнамо оид ба ахлоқ 12

Одоби идоракунӣ ва мониторинг

13

4. **АРЗИШҲОИ АСОСИИ АХЛОҚ** 15

• Яклухтӣ 15

• Мустақилият ва воқеият 18

• Салоҳият 25

• Рафтори касбӣ 28

• Махфият ва шаффофият 30

# 1 МУҚАДДИМА

1) Мақомоти олии аудит (МАО) умедҳои зиёдеро бар он дорад, ки то эътимоди ҷонибҳои манфиатдор (шаҳрвандон, қонунгузорон ва мақомотҳои иҷроия, мақомоти тафтишотӣ ва дигаронро) ба даст оранд. Аз ин рӯ, онҳо бояд ба ҳайси ташкилотҳои боварибахшу намунавӣ амал карда, ҷиҳатҳои эътимоднокии хешро зиёд менамоянд. Азбаски рафтори ахлоқӣ як ҷузъи калидӣ дар ташаккулу нигоҳдошти боварнокӣ ва нуфузу эътибори зарурӣ муҳим аст, кодекси ахлоқӣ шарти зарурии фаъолияти МОА ба шумор меравад.

**2)** ISSAI 130 - Кодекси Ахлоқ (Кодекс) тасмими муҳиме дорад, ки барои МАО ва кормандоне, ки барои онҳо фаъолият мекунанд, тавсия медиҳад, ки дар заминаи маҷмӯи арзишҳо ва принсипҳо рафтори хешро асоснок кунанд. Ба истиснои он, ҳангоми шинохти муҳити дақиқи аудити бахши давлатӣ (аксаран аз муҳити аудити бахши хусусӣ фарқкунанда аст), он роҳнамоии иловагиро дар бораи чӣ гуна татбиқи ин арзишҳо дар кори ҳамарӯзаи МАО ва ҳолатҳои мушаххас нишон медиҳад.

**3)** Кодекс баҳри ҳамаи он нафароне пешбинӣ мешавад, ки барои МОА ва ё аз номи МОА фаъолият мекунанд. Ба ин дохил мешаванд, роҳбари МОА ва аъзоёни он, ки дар шаклҳои гуногунии ҳамкорӣ, мақомоти иҷроия ва ҳамаи ашхосе, ки бевосита барои идораи тиҷорат аз номи МОА кироя шудаанд, низ тааллуқ доранд. Ҳамаи ин ашхос, ки минбаъд кормандон номида мешаванд, бояд дар фаъолияти касбии хеш ва ё дар мавриди зарурӣ дар ҳаёти шахсии худ арзишҳои дархосташударо риоя кунанд. Кодекс инчунин нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки ҷузъи сохтори идоракунии МОА мебошанд. Ҳамаи ин шахсон, ки минбаъд кормандон номида мешаванд, бояд дар фаъолияти касбии худ ва дар мавриди зарурӣ дар ҳаёти шахсии худ арзишҳои эълоншударо риоя кунанд.

4) Ба рафтори ахлоқии корманд он муҳите, ки дар он фаъолият мекунад, комилан таъсири хосаеро мерасонад. Мутобиқан Кодекс вазифаҳои МОА-ро аз рӯи пешравӣ ва ҳифзи арзишҳои этикӣ дар ҳамаи паҳлуҳои ташкилот ва фаъолияти он мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

5) Кодекс дар худ муносибати умумиро нисбати рафтори ахлоқӣ, баёни уҳдадориҳои умумии МОА ва панҷ арзишҳои бунёдии рафторҳои ахлоқӣ дар бар мегирад.

Тавсифи уҳдадориҳо ва арзишҳои МОА-ро дар бар мегирад:

а) талаботҳо, ки бояд МОА ва кормандони он мувофиқ бошанд;

б) истифодаи роҳнамо баҳри кӯмак ба МОА ва кормандони он, ки бояд ба талабот ҷавобгӯ бошанд;

- ба ин гуна талаботҳо ворид мешаванд, маҳфуми талаботҳои асосӣ, консепсияҳои бунёдӣ, бояд тартиботи пешниҳодшуда барои иҷроши талаботҳо ва намунаҳои таҷрибаи беҳтар бошад.

6) Ягон кодекс наметавонад, ки ки ҳамаи ҳолатҳои ахлоқиро дар ҷараёни таҷрибаҳои бавуҷудомада ба инобат гирад. Мутобиқан, Кодекс дар сатҳи принсипҳо таҳия гаштааст. МОА ва кормандони он бояд муҳокимаҳои касбии хешро нисбати ҳолатҳои бавуҷудомада истифода баранд, агар ҳангом кор бо он бархӯрд кунанд, ҳатман талаботҳои дар Кодеск дарҷшударо риоя кунанд.

7) Барои қонеъ кардани гуногунии фарҳангҳо, ҳамзамон сохторҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ (ба монанди қоидаҳои мушаххасе, ки нисбати МОА хусусияти судидошта) ба ҳар як мақомоти олии аудитӣ тавсия дода мешавад, ки Кодекси ахлоқиро таҳия кунад ва ё қабул намояд, ҳамчунин мутобиқи низоми тафтишотии ахлоқ низ амалӣ намоянд. Ин Кодекс барои ҳар як коди (калидвожаи) МОА замина мегузорад, ки дар то ҳадди аққали коди INTOSAI ҳамин гуна ҷиддиятро соҳиб аст.

# 2

**УСУЛИ УМУМӢ НИСБАТ БА РАФТОРИ АХЛОҚӢ**

## АРЗИШҲОИ АСОСИИ АХЛОҚӢ

8) Бахри ҳадафҳои Кодекса:

а) Арзишҳои ахлоқӣ  - ин махфумест, ки муҳимиятеро мефаҳмонад, ки бояд паи ҳам онро қарорҳои МОА ва кормандони он муайян кунанд.
б) Принсипҳои ахлоқӣ муайян мекунад, ки чӣ гуна ин арзишҳо дар таҷрибаҳо риоя мешаванд ва мунтазаман бояд, чӣ гуна рафторҳо мувофиқ бошанд.
9) Кодекси мазкур дар заминаи 5 арзишҳои асосӣ таҳия гаштаанд. Ин арзишҳо ва принспҳои умумии роҳбарикунандаро дар бар мегиранд;

а) бошарафӣ – бошарофона ва софдилона, бо виҷдонони пок ба хотири манифатҳои ҷомеа амал кардан;
б) мустақилият ва воқеъназарӣ – аз таъсирот ва ҳолатҳое, ки обурӯю эътибори шуморо мерезонад ва ё шубҳанокӣ дар обурӯю эътибори шумо озод бошед, ки ҳамчунин созиш, муҳокимаи касбӣ дошта, беғаразона амал кунед;
в) Салоҳият – дорои донишу малакаҳо буда, онро такмил диҳед, ки мутобиқи нақши кории шумо бошад, ҳамчунин дар доираи стандартҳо бо эҳтиёткории зарурӣ амал кунед;
г) Рафтори касбӣ – қонунҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ ва конвенсияҳову дигар ҳуҷҷатҳои расмиро риоя кунед, аз ҳар гуна амалҳое, ки обурӯю эътибори МОА-ро мерезонад,  дурӣ ҷӯед;
д) Махфият ва шаффофият -  барои муҳофизати иттилооти зарурӣ, ба таври мутавозин нигаҳдошти зарурии шаффофияти ҳисоботҳо амал кунед.

## ХАТАРҲО ВА НАЗОРАТ

10) Ба хатарҳои дар боло овардашуда  (аксари вақт ҳамчун маҳфумҳои «таҳдидҳо» ва «осбепазир») дар ҳолати риоя нашудан як қатор омилҳои хатар таъсири манфӣ хоҳад расонд. Онҳо дохил мешаванд, вале маҳдудиятгузорӣ намешаванд;
а) таъсири сиёсӣ ва фишори беруна аз ҷониби муффатишон ва ё дигар ҷонибҳо;
б) манфиатҳои шахсӣ;

в) номувофиқӣ  бо ақидаҳои ғалат аз муҳокимаҳои қаблӣ, ки аз ҷониби кормандони МОА ва худи МОА хулосабарорӣ шудааст;
г) пойфишорӣ ба манфиатҳои ашхоси тафтишкунанда ва ё ҷонибҳои дигар;
д) муноисбатҳои тӯлонӣ ва ё наздик.

Ин гуна хатарҳо ё воқеӣ мешаванд ва ё  тахминӣ мебошанд.

11) Дар ҳолати ошкори хаторҳое, ки барои арзишҳои бунёдӣ хавф эҷод мекунанд, моҳияти ин гуна таҳдидҳо арзёбӣ шуда, бо назардошти коҳишёбии рафтори беодобона то сатҳи муайяни пазируфташуда ҳатман меъёрҳои назоратӣ қабул мешаванд,  (дар бисёр ҳолатҳо “кафолатҳо” номгузорӣ шудаанд). Ин меъёри назорат метавонад, ки ба қонунҳои ҷорӣ ва қоидаҳои марбут ба МОА ворид карда шавад.

# 3 МАСЪУЛИЯТИ УМУМИИ МУАССИСАҲОИ ОЛИИ РЕВИЗИОНӢ

## 12. ТАЛАБОТ

а) МОА бояд кодекси ахлоқро қабул карда, онро мутобиқи стандартҳои мазкур  татбиқ намуда, ҳатман расонаӣ созад.

б) МОА бояд муҳимияти ахлоқро нишон диҳад ва фарҳанги ахлоқиро дар ташкилот пешбарӣ намояд.

в) Дастури МОА бояд дар сатҳи боло бо амалҳои хеш намон бошад ва бо рафтори намунавӣ мутобиқ бо арзишҳои ахлоқӣ амал кунад.

г) МОА бояд аз ҳамаи кормандон талаб намояд, ки амалҳои хешро мутобиқи арзишҳо ва принсипҳое ба роҳ монанд, ки дар Кодекси ахлоқ ишора шуда, барои осонфаҳмӣ ва дастгирии он ба роҳбарият муроҷиат кунанд. МОА бояд аз ҷонибҳое, ки бо онҳо қарорбаст имзо мекунанд, талаб намояд, ки ҳангоми иҷроиши кор аз номи МОА ва ё номи хеш талаботҳои ахлоқии МОА-ро риоя кунанд.

д) МОА бояд низоми назорати ахлоқиро дар ошкор ва таҳлили хатарҳои ахлоқӣ татбиқ намуда, дар коҳишёбии амалҳои номутобиқи ахлоқӣ, дастгирии рафтори ахлоқӣ ва бартарафсозии  дилхоҳ  ахлоқвайронкунӣ, ҳамчунин ҳимояи нафароне, ки оид ба айбдоршавии вайронкунандагони ахлоқ хабар додаанд.

е) МОА бояд тартиботи рафъи эътирозбаёнкунии байни талаботҳои ахлоқӣ ва стандартҳои касбии ташкилотҳоро ба роҳ монад, ки аъзоёнаш кормандони МОА ба шумор меравнд.

**ДАСТУР ОИД БА ИСТИФОДАБАРӢ**

13) Барои оне, ки ахлоқро дар ҳама гуна ҷабҳаҳои ташкилот ва фаъолияти он пешбарӣ ва ҳимоя намоем, МОА низоми назорати ахлоқро татбиқ менамояд, ки дар худ стратегияи мушаххас, сиёсат ва тартиботи хосаеро барои идоракунӣ ва назорати рафтори ахлоқӣ равона мекунад. Низоми мазкур метавонад, ки ҳамчун маҷмӯи воситаҳои назоратӣ дар як нақшаи муайян таҳия гашта, ба низоми умумии назорати дохилии МОА якҷоя карда шавад.

14) Қисматҳои асосии низоми ахлоқӣ инҳо мебошанд; кодекси ахлоқ, сарварӣ ва роҳбарии ахлоқӣ, ҳамчунин идоракунӣ ва мониторинги ахлоқӣ.

## КОДЕКСИ АХЛОҚ

15) Кодекси ахлоқ ва ё кодекси рафтор арзишҳо ва принсипҳои ахлоқиро тасдиқ намуда, ҳамчунин МОА аз он умедвор аст, ки кормандони он ҳамчунин рафтор мекунанд, ки мувофиқ ба идоракунии рафторҳои шахсии онҳо мебошад. Бисёр муҳим аст, ки коди (калидвожаи) МОА муҳитеро дастгирӣ менамояд, ки мутобиқ ба ахлоқ ва арзишҳову принсипҳое мебошад, ки стандартҳои мазкурро баён карда тавонад. Ин маънои онро дорад, ба фаҳмишу дарк таъсиргузор буда, риояи коди МОА маҳсуб ёфта, на танҳо риояи ҳарфҳои калидвожаи МОА мебошад, балки маънои онро дорад, ки руҳан коди мазкурр риоя карда шавад.

16) Ҳар як Мақомоти олии аудитӣ коди (калидвожаи) худ, сиёсат ва тартиботеро тасдиқ менамояд, ки мутобиқи низоми фарҳанг, ҳуқуқ ва иҷтимоии хеш мебошад. Сатҳи тафсилоти калидвожа (код) дар ҳошияи фарҳанги ташкилот муайян мешавад. Кодекси ахлоқи МОА метавонад, ки дорои шаклу қолабҳои гуногун бошад. Бо назардошти ҷузвиёт ба он дохил мешавад: дархост оид ба фарҳанг, ки рафторҳоро муайян мекунад, баёноте, ки марбут ба амалҳои чашмдошт, мисолҳои дақиқи тақсими ахлоқ ва ҳолатҳои ҳассос, ҳалли низоҳои ахлоқӣ, тартиботи иттиллоотрасонӣ оид ба вайронкунии ахлоқ ва дастур оид ба мубориза алайҳи амалҳои нооматлуби ахлоқӣ.

17) Бо эҳтимолияти зиёд кормандон Кодексро риоя мекунанд, агар аз рӯи ҳаҷми умумӣ ва дар қолаби шаффоф таҳия шуда бошад.

## САРВАРӢ

18) Дар ташкилот ташаккули фарҳанги ахлоқӣ аз идоракунии он шуруъ мешавад:

а) тасдиқи ахлоқ, ҳамчун афзалияти ошкорову намоён;

б) устувории афзалияти мазкур, тавассути паёмҳои пайдарпай ва мунтазам;

в) татбиқи дурнамо, сиёсат ва тартибот баҳри пешбарии ахлоқ;

г) нишон додани намуна;

д) нигаҳдошти стандартҳои олии касбӣ, масъулият ва шаффофият дар қабули қарорҳо;

е) ташвиқи муҳити омӯзишии кушоду шаффоф ва ҳамдигарфаҳмие, ки дар он масъалаҳои ҳассос ва мушкил баррасӣ ва муҳокима мешаванд;

е) ташкили муҳите, ки дар он кормандон муносибатҳои адолатпазирро эҳсос мекунанд, ки он барои муносибатҳои хайрхоҳонаи ҳамкорон мусоидат мекунад;

ж) эътирофи ахлоқи ҳамида дар ҳолатҳои бартарафсозии амалҳои беадолатона ва ҳуқуқвайронкунанда;

з) таъмини муҳите, ки дар он ахлоқ, сиёсат ва тартибот ба таври адолатпазирона ва пайдарпаӣ истифода шаванд.

## РАҲНАМОИ АХЛОҚӢ

19) Муоширати дақиқу возеҳ ва равшан барои баланд бардоштани огоҳӣ ва дарки кодекси ахлоқии кормандон зарур муҳим аст. Ин метавонад омӯзиши кормандонро баҳри пешбарии арзишҳои МОА ҷалб намуда, дар ҳалли тартиботи ахлоқӣ ва одоб семинарҳо ва омӯзишҳо доир намуда, ба он сарварону роҳбарон даъват шуда, дар самти паҳн кардани мавзӯи ахлоқ ва таҷрибаҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намоянд.

20) Ҳангоме, ки рафтори ахлоқӣ пеш аз ҳама масъулияти кормандон аст, МОА метавонад кормандони худро бо истифода аз машварати мушовир оид ба ахлоқро таъин намуда (дар баъзе ҳолатҳо тақсим кардани масъулият ба мушовирони ахлоқӣ дастгирӣ кунад, дар баъзе ҳолатҳо ба ҳайси кумитаҳои ахлоқӣ, ҳамоҳангсозон дар самти поквиҷдонӣ, кормандон оид ба ахлоқ ва мушовирони масоили ахлоқӣ) то онҳо ба саволҳо ба таври мушаххас посух гирифта тавонанд. Махфият ва ҷараёни муайяни зарурӣ ҷузъҳои муҳиме барои истифодаи самараноки кӯмакрасонӣ маҳсуб меёбанд.

## ИДОРАКУНИИ АХЛОҚ ВА МОНИТОРИНГ

21) Воридкунии ахлоқ дар идоракунии мунтазам барои устувории арзишҳо мафҳуми муҳиме ба шумор меравад. Ба ин маҳфум эътирофи ахлоқӣ ҳамчун меъёри ба кор қабулкунӣ ва меъёри ба таври шартномавӣ қабул кардани кормандон, баҳодиҳии корӣ ва такмили ихтисос низ дохил мешавад. Ҳамчунин эътирофи рафтори хуби ахлоқӣ ва истифодаи меъёри ҳимоявӣ ва кафолатӣ нисбати хатарҳои мушаххас, аз қабили зуҳур кардани манфиатҳои ихтилофӣ ва ё масоили махфӣ дар чараёни корӣ мебошад.

22) Мониторинги назоратии МОА дар коҳиш додани хатарҳои ахлоқӣ кӯмак мерасонад. МОА метавонад, ки воситаҳои назоратии мазкурро пайгирӣ намояд.

а) пешбурди реестр (рӯйхати хазинавӣ) барои пайгирии манфиатҳо, қабули тӯҳфаҳо, савғотиҳо ва меҳмондориҳо;
б) баргузории худбаҳодиҳӣ, санчиши дохилӣ ва беруние, ки дар он мунтазам истифодабарии воситаҳои мониторингӣ, ба сифати ошкоро ва таҳлил кардани осебҳо, меъёрҳои тавсиявӣ дар самти беҳтар кардани идоракунии ахлоқ ва ё мубориза алайҳи ахлоқи куҳнапарастӣ бахри таъмини ҳисоботдиҳӣ истифода мешаванд. Арзёбиҳо бояд бо назардошти талаботи ахлоқӣ ва усулҳои муаддабонаи назоратӣ пайгирӣ шаванд, ки дар доираи истифодабарии усулу равишҳои мувофиқ баҳогузорӣ шаванд. Воситаҳои дастрас дар арзёбии марбут ба IntoSAINT1, принсипҳои идоракунандаи тақризӣ, назарпурсӣ, мусоҳиба ва пурсишномаҳои бозгаштӣ мебошанд.

23) Маълумоту иттиллооте, ки дар натичаи расмиёти дар боло зикргардида чамъ оварда мешавад, барои арзёбии мунтазам, навсозӣ ва такмили сиёсати ахлоқӣ истифода бурда мешавад. МОА метавонад оид ба арзёбиҳои мазкур ба чонибҳои манфиатдори дахлдор расонад (масалан, дар гузориши солонаи худ дақиқан онҳоро дарч намояд).

_______________1 *IntoSAINT - ин воситаи махсуси худбаҳодиҳӣ барои аъзоёни INTOSAI маҳсуб ёфта, баҳри арзёбии осебпазирӣ ва воситаҳои яклухти назоратӣ равона карда шудааст.*

# 4 АРЗИШҲОИ АСОСИИ АХЛОҚӢ

## Яклухтӣ

24. Талабот дар сатҳи Комитети олии молиявӣ (ВОФК)?????

a) МОА бояд поквиҷдониро қайд кунад, намоиш диҳад, дастгирӣ ва пешбарӣ намояд.

б) МОА бояд муҳити дохилиро ҳамон гунае созад, ки дар он худи кормандон дар ошкоро кардани ахлоқвайронкунӣ пешдастӣ кунанд ва ё таъсиррасон бошанд.

в) МОА бояд саривақтӣ ва муаддабона на вайронкунии ягонагӣ таъсиррасон бошад.

**25. Талабот ба сатҳи кормандони МОА**

а) Роҳбарияти МОА бояд худро ҳамчун намуна нишон диҳад.
б) Кормандони МОА бояд намунаи хубе бошанд, боэътимодона, дилпурона, боинсофона амал кунанд, то ки манфиатҳои ҷомеа мавриди мақсади асосиашон қарор гирад. Дар ҷараёни корӣ кормандон бояд нисбати ҳамдигар эътимоди арзанда дошта бошанд. Онҳо бояд ба сиёсатҳо ва стандартҳои муқарраркардаи ташкилот мувофиқат кунанд.
в) Кормандони МОА бояд вазифаҳои хешро пурмасъулу эҳтиёткорона иҷро намоянд, ваколатҳои хешро дурурст истифода баранд, беистисно иттилоот ва захираҳои худро ба манфиати ягонаи ҷамъиятӣ истифода баранд. Онҳо набояд, ки мавқеи худро барои ба даст овардани хизматрасонӣ ё манфиатҳои шахсӣ ва ё барои шахсони сеюм истифода баранд.
г) Кормандони БДА бояд аз осебпазирии комил ва равишҳои бартарафсозии осебҳо огоҳ бошанд ва бояд мувофиқи он амал кунанд.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ**
**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ МОА**

26) Барои таъмини покиҷдонию эътимодбахшӣ МОА низоми назорати ахлоқиро татбиқ ва дастгирӣ менамояд, ки аз маҷмӯи меъёрҳои назоратии мутавозин иборат аст. Фасли “Вазифаҳои умумии сохтори олии аудитӣ”-и стандарти мазкур қисматҳои асосиеро баён менамояд, ки дар сатҳи ташкилии МАО муносибат дорад.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ КОРМАНДОНИ МОА**

27) Барои дастгирии эътимодбахшии ҷомеа кормандони МОА бояд аз сарзаниш ҳам болотар амал карда, дар ягон намуди амалиётҳои ҷорӣ иштирок намекунанд.

**Осебпазирии яклухтӣ**

28) Дар вобастагӣ ба сатҳи шахсияти кормандон, ки бояд нисбат ба ҳолату вазъият таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кунанд, то ба осебпазирии яклухтӣ бархӯрд надошта бошанд, зеро он марбут ба фаъолияти МОА мебошад ва ҳамчунин дар миёни сохторҳои давлатӣ низ мушоҳида мешавад, бояд аз ин ҳолатҳо канораҷӯӣ кунанд ва ё дар вобастагӣ ба вазъи бавуҷудомада масъаларо мавриди ошкоркунӣ қарор диҳанд. Ин гуна ҳолатҳо марбут мебошанд;
а) шахсӣ, молиявӣ ва ё манфиатҳо ва ё ин, ки муносибат, манфиатҳое, ки нисбат ба МОА муқобилу мухолифанд;

б) Қабули тӯҳфаҳо ва чойпулӣ;

в) сӯйистифода аз ҳукумат барои манфиатҳои шахсӣ;

г) иштирок дар фаъолиятҳои сиёсӣ, иштирок дар гуруҳҳои фишоровар, пешбариҳо ва ғайраҳо.

е) дастрасӣ ба махфият ва ё иттиллооти ҳассос;

f) дастрасӣ ба захираҳои гаронарзиши МОА ва истифодабарии онҳо.

29) Ҳолату вазъияте, ки марбут ба зиндагии шахсии кормнадони МОА мебошад, ҳамчунин фишороварӣ ба дахолатнопазирӣ, ба мисли оне, ки гӯиё мақоми молиявии шахсии онҳо ва муносибати шахсии онҳо мебошад.

Масъулияти кормнадон баҳри поквиҷдонии МОА
30) Кормнадон бояд бо қоидаҳо ва низомномаи МОА шинос шаванд, ки марбут ба поквиҷдонӣ буда, барои дастгирӣ ва риояи он масъулият ба дӯш мегиранд. Риояи сиёсат, низомнома ва қоидаҳои МОА на танҳо чараёни расмӣ маҳсуб ёфта, балки дар он ҳадафи ин сиёсатҳо, низомномаҳо ва қоидаҳо ба назар гирифта мешаванд.

31) Кормандон бояд донанд, ки ба кӣ бо чӣ гуна савол мурочиат кунанд, масалан, барои машварат ва ё дар бораи мушкилотҳо ва шубҳанокӣ дар вайронкунии шаффофият ба кӣ иттиллоот расонанд.
32) Барои таъмини назорати комилан пурра муҳим он аст, ки роҳбарият ва кормандони МОА мунтазам дар омӯзишҳо, вохӯриҳо ва чорабиниҳое, ки иштирок кунанд, ки баҳри пешбурди фарҳангӣ эътимодбахшиву поквичдонӣ равона шуда, то оид ба хатарҳои чаддид ва ҳолату воқеаҳои мушаххас воқиф бошанд.

33) Агар кормандон шуморанд, ки дар МОА норасоӣ дар назоратӣ яклухтӣ мавчуд дорад, пас онҳо метавонанд, ки дар ин бора ба мушовирон оид ба ахлоқ ва ё роҳбарияти МОА маълумот диҳанд.

## МУСТАҚИЛИЯТ ВА ВОҚЕЪИЯТ

### 34. Талабот дар сатҳи МОА

a) МОА бояд нисбат ба мавқеи хеш, ҳисоботдиҳӣ, ваколат ва идоракунии маъмурӣ мустақил бошад. МОА бояд аз нигоҳи хеш уҳдадориҳои хешро ичро намояд. Ин гуна мустақилият дар мутобиқат ба заминаи қонунҳои самараноки конститутсионӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрӣ муайян мешавад. МОА бояд сиёсати воқеии вазифавиро баҳри мутақилияти хеш қабул кунад.
b) МОА бояд сохтори хешро ба танзим дарорад, ки дар ошкор кардани таҳдидҳои чиддиву муҳим нисбати мустақилият ва воқеият, ҳамчунин воситаҳои назоратиро ба таври муаддабонаву самимӣ истифода бурда, ҳамчунин роҳбариятро дар муносибат бо кормандонаш ин гуна воситаҳоро таъмин намояд.
c) МОА бояд сиёсатеро қабул намояд, ки кормандони аудитро, бахсус сатҳи аввали кормнадонро, барои он таъмин намояд, ки байни сохторҳои назоративу тафтишшаванда муносибатҳо вайрон нашаванд, ки зеро ин ҳолат ба мустақилият ва воқеияти онҳо хатар эчод мекунад.
d) МОА на бояд, ки ба шахси аудитшаванда хидматрасониҳои машваратӣ ва ё дигар намуди хидматгузориҳои ғайриаудиториро таъмин намояд, агар ин гуна хидматрасониҳое, ки дар худ қабули вазифаҳои идоракунандаро дошта бошад.

### 35. Талабот дар сатҳи кормнадони МОА

a) Кормандони МОА набояд, ки ягон намуди маҳдудиятгузорӣ нисбат ба мустақилият ва воқеият дошта бошанд, бояд ин воқеӣ ва ё тахминӣ бошад, ки натичаи гумонбарӣ дар сиёсат, иштирок дар идоракунӣ, худназоратӣ, молиявӣ ва ин ё он манфиатҳои шахсӣ ва муноисбатҳо бо шахсони дигар ва ё ин таъсири аз ҳад зиёд мебошад. Барои ин кормандони МОА бояд;
I. мустақилият ва таъсири сиёсатро ҳифзу нигаҳ доранд ва дар андешаҳои сиёсии хеш озод бошанд;

II. Иштирок накардан дар баррасии қароре, ки аз ҷониби роҳбарияти ташкилоти тафтишшаванда қабул мешавад;

III. Тафтиш накардани кори шахсӣ;
Канорагирӣ аз субъектҳои татфтишкунанда, ки дар он сохторҳо ба наздикӣ бидуни кафолатҳои муносибу зарурӣ фаъолият бурдаанд;

IV. Дурӣ ҷӯстан аз вазъияте, ки дар он манфиатҳои шахсӣ дар қабули қарорҳо мусоидат мекунад;

VI. Дурӣ ҷӯстан аз вазъияте, ки муносибатҳояшон бо роҳбарият ва кормандони ташкилотҳои тафтишшаванда ва ё дигар кормандони ташкилотҳое, ки дар қарори қабулҳо мусоидат мекунад;

VII. Аз тӯҳфаҳо, чойпулӣ ва дигар намуди имтиёзҳо даст кашид, то баҳри мустақилият ва воқеият зарар нарасонем.

б) Кормандони МОА бояд таҳдидҳо ва ҳолатҳоеро муайян кунанд, ки дар онҳо мустақилият ё воқеияти онҳо зери хатар қарор мегирад.

в) Кормандони МОА бояд иттиллоотро оид ба ҳама гуна муносибатҳои муносиби қаблан маввуҷуддошта ва ҳолатҳои арзи вуҷуд дошта маълумот диҳанд, ки барои мустақилият ва воқеият хатар эҷод мекунанд.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ**
36) Мустақилият дар воқеият маҳфуми “истиқлолият”-ро дар худ доро буда, он инъикосгари намуди зоҳирии хешро низ мебошад. Дар такя ба далелҳо – ин гуна вазъият барои одамон имконият медиҳад, ки фаъолиятҳоеро ба роҳ монанд, ки барои муносибатҳои зарурӣ таъсиррасон бошад ва ба муҳокимаҳои касбии онҳо мусоидат намуда, онро зери хатар мегузорад ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки бовиҷдонона амал кунанд ва воқеъбинона ибрози ақида намуда, аз нигоҳи касбӣ низ андешаҳои шубҳаомези ҳирфавии хешро низ баён мекунанд.

Мустақилият аз нигоҳи зоҳирӣ-ин мавҷуд надошани имкониятҳое мебошад, ки иҷборан шахси сеюми оқилу огоҳро, ки соҳиби иттилооти мувофиқ мебошад, асосан аудиторони касбӣ ба пурагӣ ва комил будани онҳо, воқеияти онҳо ва шубҳанокии касбии аудиторон хулосабарорӣ мекунанд, ки чӣ гуна мавриди таҳдид қарор мегиранд.

37) Воқеъият  - ин муносибати равонӣ махсуб меёбад, ки дар он инсонҳо беғаразона амал карда, на барои эҳсосот ва манфиатҳои хеш, на ба муҳокимаи дигарон гӯш медиҳанд, балки  ҳамаи чизҳо ва ё ашёро  дар асоси далелҳо арзёбӣ мекунанд.

## ДАСТУР  ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ МОА

38) Принсипҳои асосии мустақилияти МОА дар INTOSAI-P 10 дарҷ гардидаанд.
- Эъломияи мексикоӣ оид ба мустақилияти МОА.

39) Ба сифати як ҷузъи муҳими низоми назорати одоб, ки дар фасли “Вазифаҳои умумии мақомоти олии назорати молиявӣ” стандарти мазкур номбар шудааст, МОА барои амалисозии назорати марбут ба мустақилият ва воқеият масъул аст, ба монанди:
а) эъломияҳои манфиатҳо ва ихтилофи манфиатҳо бо мақсади кӯмакрасонӣ дар баробар кардани ихтилофот ва заиф гардонидани таҳдидҳо нисбат ба мустақилият;
б) чораҳо оид ба кӯмак раоснидан ба кормандони калону варзида дар самти назорат ва арзёбии кор дар мутобиқат бо меъёрҳои касбие, ки  барои таъсиргузории беруна равона шудаанд ва барои мустақилият ва воқеияти МОА ва кормандони он мусоидат мекунад;
в) низомнома оид ба чӣ гуна рафтор кардан дар он ҳолатҳое, ки вақте МОА вазифадор мешавад, ки хидматрасониҳои ғайриаудитиеро, ки аз ҷониби ташкилоти тафтишшаванда бояд пешниҳод шавад ва ё марбут ба соҳаи тафтишванда мебошад, амсоли хариди давлатӣ;
г) сиёсат ва тартиботе, ки таҳдидҳоро бартараф месозад, ба мисли аз тими аудиторӣ пеш кардани шахсе, ки ихтилофи манфиатҳоро пеш меорад ва ё санҷиши дилхоҳ муҳокимаҳо, ки аз ҷониби шахси мазкур дар ҷараёни кор дар тими корӣ ба вуҷуд омадааст;
д) сиёсатҳо ва тартибот баҳри ошкор ва ҳалли он ҳолатҳое, ки корманди аудиторӣ қаблан корманди аудитории ташкилоти тафтишванда будааст ё ҳамин гуна санҷишро  дар ташкилоти дигар баррасӣ карда будааст;
е) сиёсати ивазшавии кормандон ё тадбирҳои ба он баробар, агар ҷойивазкунӣ имконнопазир бошад;
ж) фароҳам овардани муҳити мустақиле, ки дар он қарори воқеии касбӣ аз кори қаблии МОА, ё ин ки аз ҷониби МОА анҷомшуда, ҳамчунин ё пешбинишуда  вобастагӣ надошта бошад.

40) Мувофиқи ваколатҳои худ МОА наметавонад, ки аз иштирок дар тафтиш даст кашад ва ё тафтиши идомаёбандаро рад кунад. Агар чораҳои назоратӣ баҳри коҳишёбии таҳдидҳо ба мустақилият ё объективӣ то сатҳи қабулшуда самаранок набошанд, пас роҳбарияти МОА  метавонад, ки масъалаи вобаста ба нашр кардани  таҳдиди мазкурро баррасӣ кунад.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ МОА**

41) Ҳолатҳои маъмуле, ки дар он таҳдид ба мустақилият ва воқеият ба вуҷуд омадаанд, дар зери тавсиф шудаанд.

42) МОА ва кормандон бояд дарк кунанд, ки муҳимияти таҳдидҳои мазкур бояд дар ҳар як ҳолат арзёбӣ шаванд. Қарор бояд мутобиқи консепсияи МОА бо назардошти ҳолатҳои кории мушаххасу дақиқ, оқибатҳои эҳтимолӣ ва таъмини мувофиқа бо арзишҳо ва принсипҳо баррасӣ шаванд, ки дар ин бора сухан меравад.

**Беғаразӣ ва дахолатнопазирии сиёсӣ**

43) Бо вуҷуди чораҳои амалии ташкилӣ баҳри пешгирӣ ва коҳиш додани ҳадди ақали фишори сиёсӣ, роҳбарият ва кормандони МОА масъулияти ошкор кардани ҳолатҳоеро доранд, ки дар он нуқтаи назари шахсии сиёсӣ метавонанд ба мустақилият ё воқеъият таъсир расонанд, ки ин гуна нуқтаи назарҳо ва амалҳои сиёсии онҳо ба обурӯю нуфузи МОА ва эътимод ба фаъолияти он муҳити хатарнокеро эҷод мекунад.

44) Иштироки сиёсӣ метавонад ба қобилияту малакаи роҳбарият ё кормандони МОА дар ҳолати беғаразона иҷро кардани вазифаҳои касбии хеш мусоидат мекунад. Ҳатто дар он ҷойҳое, ки онҳо бо ин гуна корҳо иҷозат дода шудаанд, то дар ин гуна фаъолиятҳо иштирок кунанд, аммо бояд онҳо бояд дарк кунанд, ки чунин ҳолатҳо метавонад ба низоъҳои касбӣ оварда расонанд. Мустақилият марбут ба таъсири беруна аст, дар воқеият бошад, ҳамин гуна мустақилият муҳим аст; иштирок дар чорабиниҳои сиёсии оммавӣ, изҳори нуқтаи назари сиёсӣ тавассути сухрониҳои оммавӣ ва ё пешбарии номзадӣ дар интихоботи сатҳи сохторҳои давлатӣ, ба мансабҳои давлатӣ метавонад, ки ҷонибҳои манфиатдорро ҷалб намоянд, ки чӣ гуна ба қобилиятнокии МОА таъсир мерасонад ва чӣ гуна муҳокимаҳои воқеиро ташаккул медиҳад.

**Иштирок дар идоракунии аудит**

45) Вазифаҳои роҳбарият дар худ идорадоракунӣ ва назорати субъектро дар бар мегирад, аз ҷумла қабули қарорҳо оид ба харид, ҷойгиркунӣ ва назорати захираҳои инсонӣ, ҷисмонӣ ва ғайримоддӣ мебошанд. Вазифаҳои мазкур бояд аз ҷониби роҳбарияти аудитор устуворона риоя карда шаванд. Дар зер намунаҳое оварда шудаанд, ки ба идоракунии ташкилоти тафтишшаванда марбут аст, ки метавонанд ба мустақилият ва назари воқеъбинонаи МОА таъсир расонанд:

а) аъзоёни гуруҳи аудиторӣ, ки ба наздикӣ роҳбар, директор буд ва ё ҳаст, ҳамчунин менеҷери калон дар сохтори тафтишотӣ буд ва мебошад;

б) корманди МОА, ки аъзои овоздиҳандаи Кумитаи идоракунӣ ва шӯрои директорони ташкилоти тафтишшаванда аст, қарорҳоие сиёсиеро қабул мекунад, баҳри пешравии роҳбарияти ва фаъолияти барномаҳои ташкилот мусоидат намуда, кормандони ташкилотро назорат мекунад, сиёсатро тарҳрезӣ намуда, онро тасдиқ менамояд, дар амалиётҳои ташкилот ва барои ҳифзу нигаҳдошти сармоя ва маблағҳои корхона ваколат дорад.

в) корманди МОА, ки як нафарро ба вазифаи мушаххас пешниҳод менамояд, барои ташкилоти тафтишшаванда шахси калидӣ маҳсуб меёбад ва ё ба таври дигар корманд интихоботро ба низом даровард, дар интихоби номзад ба роҳбарӣ мусоидат мекунад;
г) корманди МОА, ки ташкилоти тафтишшавандаро барои бартараф кардани норасоиҳоие, ки ҳангоми тафтишот ошкор мекунад, онро дар нақшаи амалҳои ислоҳшаванда тарҳрезӣ мекунад.

**Аудити фаъолияти шахсӣ**
46) Ҳолате, ки марбут ба фаъолияти қаблии кормандон аст, метавонад ба мустаиқлият ва воқеъият зарар ворид кунанд, ки ба он ворид мешаванд;
а) шахсан дар фаъолияти мушаххас иштирок карда, ҳамчунин мавзӯи/объекти асосии аудит ба шумор мераванд;
б) ба наздикӣ корманди ташкилоти тафтишшаванда будааст;
с) ба наздикӣ аудитро дар ҳамон объекте гузарондааст, ки дар он объект ва ё дар дигар ташкилоти аудиторӣ фаъолият мекард.

**МАНФИАТҲОИ ШАХСӢ**
47) Намунаи ҳолатҳое ҳаст, ки дар он манфиатҳои шахсӣ метавонанд, ки имкониятҳои кормандонро дар иртибот ба мустақилият ва воқеият маҳдуд созанд:
а) ба тавсибрасии шатномаи меҳнатӣ бо ташкилоти тафтишшаванда ва шахси дигар, ки МОА муносибатҳои шартномавӣ ва дигар шартномаҳоро ба имзо расондааст;
б) масъулиятшиносӣ нисбат ба супоришҳои аудитӣ ва хулосабандие, ки он натиҷаҳоеро ба даст меорад, ки ба манфиатҳои моливӣ ва ва дигар манфиатҳои шахсӣ мусоидат карда метавонад;
в) иштирок дар фаъолиятҳои беруна ва ё фаъолиятҳои ғайриаудитӣ нисбати ташкилотҳои тафтишотӣ ва ё дигар ташкилотҳое, ки МОА бо онҳо муносибати шартномавӣ ва ё дигар намуди муносибатҳоро дорад ва натиҷаҳои он метавонад, ки ба манфиатҳои молиявӣ ва дигар манфиатҳо таъсирбахш бошад;
г) таваҷҷуҳи бевоситаи мустақими молиявӣ нисбати объекти тафтишшаванда ва ё дигар ташкилоте, ки МОА муносибатҳои шартномавӣ ва дигар муносибатҳоро ба роҳ мондааст.

**Муносибат бо роҳбарият ва ё кормандони ташкилоти тафтишшаванда ва ё дигар ташкилоте, ки бо МОА муносибатҳои шартномавӣ ва ё дигар муносибатҳоро роҳандозӣ дорад.**
48) Муносибатҳои наздики шахсӣ ё касбӣ бо ташкилоти тафтишшаванда, ҳамчунин муносибатҳое, ки метавонад аз ҷониби шахсони берун аз МОА таъсири номатлуберо оварда расонад, ки пас он метавонад ба мустақилият ва воқеияти кормандон зарар расонад. Ин гуна ҳолат метавоанд, ҳангоме рух диҳад, ки вақте корманди МОА:

а) ҳангоме, ки бо менеҷерҳо, роҳбарони ва кормандони объекти тафтишшаванда ва ё мақоми дигари ба ин монанд муносибатҳои наздики шахсӣ ё касбии тӯлонӣ дорад ва ҳамзамон бо онҳо МОА шартномаҳои ҳамкорӣ ва дигар намуди шартномаҳоро бастаанд;
б) бо менеҷер, роҳбар ва ё корманде, ки соҳибмансаби ташкилоти тавтишванда ва ё мақоми дигаре мебошад, ки МОА бо он шартномаи кориву ва ё муносибатҳои дигари шартномавӣ дорад, дӯстии наздики оилавӣ ва рафиқӣ дорад;
в) аз роҳбарон, менеҷерон ё кормандони ташкилоти тафтишшаванда ва ё дигар ташкилоте, ки МОА бо онҳо шартнома ё муносибатҳои дигарро ба роҳ мондааст, тӯҳфаҳо, маслиҳатҳо ё муносибатҳои имтиёзнокро қабул дорад.
49) Тахмин меравад, ки кормандон таҳдидҳоро пешгирӣ карда ва ё аз мушкилотҳое, ки ба мустақилият ва воқеият хатар меоранд, канораҷӯӣ мекунанд. Агар дар масъалаи мустақилият ё воқеъият ё усули ҳалли он ягон номуайянӣ вуҷуд дошта бошад, бояд қабл аз гузоришдиҳӣ ба кормандони МОА, тавсия дода мешавад, ки бо мушовири ахлоқӣ машварат доир карда ва ё аз дигар ҷонибҳои мувофиқшуда машварат гирифта, ба онҳо дар арзёбии таҳдид кӯмак расонда, воситаҳои сабук ва заифшавии онро муайян созад.

## САЛОҲИЯТ

**50. Талабот дар сатҳи МОА**

а) ВОА должен принять политику для обеспечения того, чтобы задачи, требуемые его мандатом, выполнялись персоналом, который обладает соответствующими знаниями и навыками для их успешного выполнения, включая:
а) МОА бояд сиёсатеро қабул кунад, ки барои таъмини вазифаҳое, ки мутобиқ ба талаботи мақоми он мебошад ва кормандоне, ки дорои донишу малакаҳои мувофиқанд, ки баҳри иҷроиши бомуваффақияти он ҷалб мешаванд; аз ҷумла:
I. татбиқи сиёсати кормнадони кироя дар асоси салоҳият ва захираҳои кадрӣ;
II. Таъини гурурҳҳои корие, ки дар маҷмӯъ соҳиби донишҳои зарурӣ буда, дар иҷроиши супоришҳо иқтидор доранд;
III. Таъмини кормандон бо омодагиҳои мувофиқ, дастгирӣ ва назорат;
Фароҳам овардани воистаҳо ва олотҳо баҳри беҳтар крадани табодули таҷрибаҳо ва иттиллоот, ҳавасмандии кормандон дар истифодаи ин гуна олотҳо ва воситаҳо;
V. Ҳалли мушкилотҳое, ки дар натиҷаи тағироту ивазшавии муҳити сохтори давлатӣ зоҳир мешавад.

**51. Талабот дар сатҳи кормнадони МОА**

а) Кормандони МОА бояд кори хешро дар мутобиқат бо стандартҳои истифодашавнада бо бо таваҷҷуҳ ва диққатҷалбии зарурӣ иҷро намоянд.
б) Кормандони МОА бояд мувофиқи талаботи супоришҳои ҷорӣ онро ҷиддан ва саривақтӣ иҷро намоянд.

в) Кормандони МОА бояд донишҳо ва малакаҳои хешро рушд диҳанд, то аз тағиротҳои муҳити касбии хеш дар қафо намонананд ва кори хешро бо муваффақ ва самаранок иҷро намоянд.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ**
**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ МОА**

52) Боварии ҷонибҳои манфиатдор дар иртибот бо қарорҳои МОА ва эътимодбахшии қарорҳои мазкур аз он корҳое вобастгӣ дорад, ки тибқи салоҳиятнокӣ анҷом пазируфтаанд. Бо ҳамин тарз, МОА бояд иттиллооти салоҳиятнокро ҷамъоварӣ кард, ҳамчунин баҳри дастгирии рушди касбӣ мунтазамнокии омӯзишҳоро дастгирӣ кард.

**» Мувофиқӣ дар ҷамъоварии иттиллооти салоҳиятнок**

53) Барои таъмини оне, ки вазифаву супоришҳоро кормандони босалоҳият иҷро намоянду истифодаи захираҳоро ба таври воқеӣ ва самаранок истифода баранд, бояд кормандон супоришҳоро ҳамон тавр иҷро кунанд, ки бо салоҳиятҳои МОА мувофиқ бошанд;
а) донишҳо ва малакаҳои кофиеро муайян кунад, барои ҳамагуна таъсирбахшӣ мутобиқ ба талаботи мақоми он зарурат доранд; ин шояд таъсиси тимҳои байни соҳавӣ бошад, ки дар маҷмӯъ аз донишу малакаҳои тими корӣ иборат мебошанд;
б) борои ҳалли супоришҳои мушаххаси мутобиқ ба имкониятҳои ошкоршудаву мувофиқашуда кормандон таъмин менамояд.
54) Баъзе аз масъалаҳо, ба мисли аудити самарабахш ва тадқиқоти махсус, метавонад, ки усулҳои махсус ва ё маҳоратҳои саоҳавиеро талаб кунад, ки барои МОА дастнорас бошад. Дар ин гуна ҳолатҳо, коршиносони берунаро метавонанд, ки барои пешниҳоди дону малака ва истифодабарии вазифа ва супоришҳои мушаххас истифода баранд.

**» Рушди касбии бидуни фосилавӣ**
55) Дастгирӣ ва рушди босалоҳияти касбӣ – ин усулу равиши устуворест, ки бо кулли иқтидори техникӣ, касбӣ ва мувафаққиятҳои расмӣ ба муҳити ҷории тағирпазир ва интизориҳои чашмдошти ҷонибҳои манфиатдор таъсири ҷиддӣ мерасонад. Мисолҳои соҳавие, ки дар он МОА, шояд вақт ва захираҳоро ҳамчун сармоя талаб кунад, то ки дар ҷараён бимонад, аз ин лиҳоз ба он технологияи иттиллоотӣ ва рушди низоми идоракунӣ, ҳисоботиро дар сохтори давлатӣ ворид месозад.

56) Муҳити таҳсилоти бидуни фосилавӣ барои дастгирии кормандон дар татбиқи рушди босалоҳияти онҳо тавассути усулҳои зерин роҳандозӣ мегардад;
а) дурнамо ва барномаҳои ибтидоӣ ва таҳсилоти бидуни фосилавӣ дар соҳаи калидии фаъолияти МОА;

б) тарҳрезӣ ва азнавсозии корҳои идоракнуӣ ва маъмуриву роҳбарӣ, ҳамчунин супоришҳои хаттӣ;
в) механизми машваратӣ (коучингӣ) назорат ва фирку мулоҳизаҳои бозгаштӣ;
г) нақшаи рушди шахсӣ;
д) воситаҳо ва олотҳои табодули донишҳо, амсоли Интеренет ва пойгоҳи оморӣ.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ КОРМАНДОНИ МОА**

57) Бо риоя кардани талабот, кормандони МОА бояд;
а) нақша ва вазифаҳоро дарк кунанд, то ки бояд онҳоро иҷро намоянд;

б) стандартҳои техникӣ, касбӣ ва ахлоқ донанд, то ки онҳоро пайгирӣ кунанд;

в) бояд маҳорати бо матнҳо ва ҳошияҳои он дарк карда тавонанд, дар ҳолатҳои гуногун вобаста ба талаботи корӣ ва вазифавӣ кор карда тавонананд;

г) бояд аз донишу маҳоратҳои нав тибқи меъёри зарурӣ бархӯрдор бошанд;

58) Агар таҷрибаи онҳо дар иҷроиши вазифаҳои мушаххасу дақиқ номувофиқӣ ва ё норасоӣ дошта бошад, пас кормандони МОА дар ин бора ба роҳбарияти хеш ва роҳбарони масъули самти мазкур маълумот медиҳанд.

## АХЛОҚИ КАСБӢ

**59. Талабот дар сатҳи МОА**

а) МОА бояд дар мавриди стандартҳои рафтори касбӣ донад, ки ҷонибҳои манфиатдор умедворанд, ки он тариқи қонунҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ ва муоҳидаҳои ҷамъиятӣ муайян шудаанд, ки дар доираи он фаъолият мебаранд, ки мутобиқи мақому мартаба ва обрӯю нуфузи МОА аст.
б) МОА бояд ба кормандон кӯмак расонанд, ки ин гуна стандартҳоро риоя кунанд.

**60. Талабот ба сатҳи кормандони МАО**

а) Кормандони МОА бояд қонунҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ ва муоҳидаҳои ҷамъиятиро риоя кунанд, ки дар доираи он кормандон он кору фаъолият бурда, ҳамчунин фармонҳо ва супоришҳо мутобиқи рафторе, ки аз ҷониби МОА тасдиқ шудаанд.
б) Кормандони МОА набояд, ки рафтори номақбулеро иҷро кунанд, ки оқибат зери хатар гузоштани обурӯю эътибори МОА-ро пеш меорад.
в) Кормандони МОА бояд сардорҳои худро оид ба дилхоҳ низоъҳои байни онҳо ва МОА огоҳ кунанд, ки дар бораи дилхоҳ низои барангехтаи байни онҳо ва МОА, ҳамчунин оид ба талаботи одоби касбии онҳо маълумот диҳанд.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ**

61) Рафтори вобатса ба арзишҳои касбии одоб ҳамин гуна амалҳоест, ки бояд ҷонибҳои сеюм бохирадона рафтор куарда, иттиллоотнокии баландро соҳиб бошанд, то иттиллоти мувофиқ чӣ гуна ба стандартҳо мутобиқ будани кор ва натиҷаҳои онро нишон дода тавонад.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ МОА**

62) Барои оне, ки стандарти болотари рафтори касбӣ ва намудҳои фаъолиятнокии онро пешбарӣ намоем, ки бо ин стандарт, агар мувофиқ набошад, пас МОА дастуреро оид ба рафторҳои чашмдошт пешниҳод намуда, воситаҳои назорати мониторингиро татбиқ мекунад, то ки номувофиқиҳои пешомадаро бартараф созад. Меъёрҳои калидӣ ба низоми назорати одоб ворид шудаанд, ки дар фасли “Масъулияти умумии мақомоти олии аудитӣ”дар Кодекси мазкур дарҷ гардидаанд.

63) Дастури МОА рафтори касбиро пешбарӣ намуда, пайгири тартиботи ҷорӣ буда, намуна нишон медиҳад.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ КОРМАНДОНИ МОА**

64) Кормандон бояд аз сиёсат ва тартиботи МОА огоҳ бошанд, ки мрабут ба рафтори касбие аст, ки дар стандартҳои касбӣ истифода мешаванд, ҳамчунин бояд аз қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ва муоҳидаҳои ҷамъиятӣ бархӯрдор бошанд, ки дар доираи талаботи он кормандон фаъолият ва зиндагӣ мекунанд, ки ин вобаста ба муҳити кории онҳо ва берун аз он мебошад.

65) Дар ин ҳошия, кормнадон бояд таъсири амалҳои хешро нисбат ба обурӯю нуфузи МОА дарк кунанд ва чӣ гуна рафтори онҳо метаовнад, ки муҳити кориро таъсис медиҳад, чӣ гуна он аз ҷониби ҳамкорон, аҳли оила ва доираи дӯстон, ВАО ва дигарон қабул мегардад.
Ҳарҷанд, ки интизориҳои чашмдошт дар рафтори касбӣ татбиқ шуда бошанд ҳам, метавонад, ки тафовут дар вобастагӣ бо қарор доштани корманд дар ҷои кор ва ё берун аз он бошад, бояд корманд бояд интизориҳои чашмдошти ҷонибҳои манфиатдор ва ҳамзамон мақоми МОА-ро дар самтҳои амали муайяншуда ба эътибор гирад. Мақоми корманд дар МОА метавонад, ки як қисмати муҳими баррасии мазкур бошад.

66) Интизориҳои ҷонибҳои манфиатдор метавонанд, ки дар вобастагӣ бо низомномаҳо ва шатномаҳои чамъиятие, ки дар доираи он кормандони МОА фаъолияту зиндагӣ мекунанд, ба дигаргуншавӣ бархӯрд кунанд. Бо вуҷуди оне, ки интизориҳо дар худ амалҳои мутобиқ бо арзишҳои одобро дар бар мегирад, риояи пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, пешгирӣ аз сӯиистифода аз мақом, зоҳир кардани кӯшишу ғайрат ҳангоми иҷроиши кори хеш ва рафтори зарурӣ дар муносибат ва муошират бо дигарон ҳатмӣ аст.

67) Кормандон эҳтиёкории мувофиқро зоҳир менамоянд, ки дар  рафтор ва ибрози нуқтаи назар хатар эҷод накарда, нисбати обурӯю эътибори МОА ва фаъолияти он таъсири манфӣ нарасонад, мислои имтифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ.
68) Агар тартиботи муайяни амалҳо иҷозат дода шавад, аммо ба стандартҳои касбии рафтор мтуобиқат накунад, пас кормнадон аз ин гуна ҷараён гирифтани амалҳо канораҷӯӣ мекунанд.

69) Кормандон  бояд ҳамкориҳоро дошта бошанд, мутобиқи донишҳои хеш  ва иттиллооти доштаи хеш дар дохили ташкилот табодули донишу иттиллоот карда метавонанд.

## МАХФИЯТ ВА ШАФФОФИЯТ

**70. Талабот дар сатҳи МОА**

а) МОА бояд тавозуни махфияти марбут ба аудит ва дигар иттиллоотро бо назардошти принсипҳои шаффофияти зарурӣ ва ҳисоботгирӣ риоя кунад.
б) МОА бояд низоми ҷиддии нигаҳдошти махфиятро дар ҳадди зарурӣ, хоса нисбат ба омори махфиятро ба танзим дарорад.
в) МОА дилхоҳ ҷонибҳоеро, ки бо онҳо шартномаҳои иҷроиши кории дар вобастагӣ бо МОА дорад, бояд таъмин намояд ва танҳо мутобиқ ба ризоятномаҳо оид ба махфиятро мебояд нашр кунанд.

**71. Талабот дар сатҳи кормандони МОА**

а) Кормандони МОА бояд оид ба масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамчунин сиёсӣ ва дастурҳои принсипи идоракунии МОА, ки марбут ба махфият ва воқеият мебошанд, маълумот ва огаҳӣ дошта бошанд.
б) Кормандони МОА набояд, ки ягон намуди иттилллоотеро, ки дар ҷараёни иҷроиши корӣ ба даст овардананд, бидуни ягон ваколатҳои зарурӣ ва мушаххас имкони паҳн ва ё нашр кардани онро надоранд, агар дар вазифаҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи касбӣ ваколат надошта бошанд, ин гуна амалҳо манъ аст.
в) Кормандони МОА набояд, ки иттиллооти махфиро барои манфиатҳои шахсӣ ва манфтиатҳои шахсони сеюм истифода барад.
г) Кормандони МОА бояд аз имкониятҳои барқасдона фош кардани иттиллоти мафхӣаз ҷониби шахсони сеюм огаҳӣ дошта бошанд.
д) Кормандони МОА бояд махфияти касбиро ҳангоми фаъолият ва баъд аз рафтани кор низ бояд ҳифз намоянд.

**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ**
**ДАСТУР ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ  ДАР САТҲИ МОА**

72) барои МОА  зарур аст, ки сиёсати пешниҳоди зарурии иттиллоот  ва ҳифзи итиллооти зурурииро дар амал татбиқ намуда,  меъёрҳои назорати онро барои бартарафсозӣ ва коҳишдиҳии сатҳи хатарҳои иқтидорноке, ки ба вайронкунии меъёри махфият  оварда мераоснад, низоми муайянеро пешбарӣ намояд.

73) Намунаиҳои назоратие, ки МОА метавонад, ки истифода барад;

а) тарҳрезии сиёсати муоъширати бо ВАО ва ҷонибҳои манфитадор, ҳамзамон бо намояндагони ВАО;

б) муҳимияти махифятро ҳар замон дарҷ кардан;

в) қабули эъломияи мувофиқашуда оид ба риояи қоидаҳо ва тартибот дар бораи махфият аз ҷониби кормандон;

г) пешниҳоди дастуру супоришҳо нисбати он иттиллооте, ки ҳуҷҷатҳо ва маводҳо ҳамчун бастаи ҳуҷҷатҳои махфӣ дар сатҳи ҷараёни кор  баррасӣ мешаванд, ки дар он низоми таснифотӣ, бастабандии брендӣ ва маркаҳои иттиллооти махфӣ дарҷ гардидаанд;

д) машварат доир ба истифодаи қоидаҳои қоидаҳои махфият ва талаботҳои ҳуқуқӣ, ки марбут ба фош кардани иттиллоот махфӣ мебошад;

е) пешниҳоди супоришҳои дастурӣ ва тавсияҳое, ки ҳолатҳоеро дар бар мегиранд, ки уҳдадории  касбии зарурияти ҳифз ва риояи махфиятро таъмин менамояд, ҳолатҳоееро мушоҳида кардан мункин аст, ки  уҳдадории касбӣ иҷро мешавад. Аммо аз ҷониби шахси сеюм ҳифзи  иттиллооти махфӣ риоя нагардидааст, ки дар доираи қонунҳои миллии ҷорӣ ва тасдиқи тартиботи қабулшуда барои пешниҳоди ҳисобот муайян мешавад, оид ба ҳолатҳои зерин оварда шудааст;

е) шароити нигаҳдошти иттиллоот дар дилхоҳ намуд ва шакл; (коғазӣ, электронӣ ва аудиоӣ ва ҳоказоҳо)

ж) тақсими дурусти ҳуқуқи дастрасӣ ба бойгонӣ ва хазинаҳои марбут ба махфият,  низоми IT ва соҳаҳои физикӣ;

з) тартиби нобуд кардани воситаҳои нигаҳдошти оморӣ, пойгоҳӣ дар шакли коғазӣ ва  ё электронии дастгоҳҳои нигаҳдории маълумот дар шакли электронӣ.

**ДАСТУР  ОИД БА ТАТБИҚКУНӢ ДАР САТҲИ МОА**

74) Корманд бояд ба таври дурурсту зарурӣ иттиллооти махфиро ҳифз кунад, оид ба иттиллоти мазкур ба шахси сеюм хабар надиҳад, дар ҳолате, ки ҳар дуи онҳо салоҳияти зарурӣ ва мушаххас надошта бошанд ва ё агар ин гуна ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи касбиро дошта надошта бошанд, пас ҳуқуқи салоҳияти фош кардани иттиллооти махфиро надоранд;

75) Намунаи ҳадди назорат / ҳадди бехатарие, ки дар сатҳи шахсӣ истифода ва татбиқ мешаванд:

а) дар  МОА, муҳокимаҳои касбӣ барои риояи иттиллооти махфӣ баргузор карда мешаванд; аз он ҷумла, бояд дар бораи махфияти иттиллоотрасониро ҳангоми муҳомикаҳое, ки марбут ба кор ва муошират бо кормандон аст,  дар хотираамон қаъвӣ ва устувор нигаҳ дошта шавад;

б) дар ҳолати шубҳа доштан, оё зарур аст, ки оид ба шубҳанокӣ нисбати вайроншавии қонун ва ё санадҳои меъёрӣ ба сохторҳои марбута (ҷонибҳои ба ин монанд) хабар дод,  бояд аз имконияти қабули машваратҳо дар доираи МОА истифода бурд ва мавриди баррасӣ қарор дод, ки  то ки тартиботи мувофиқи амалҳо дар ҳолатҳои зерин муайян карда шаванд;

в) ҳифзи риояи тартиботи махфият дар ҳаёти шахсӣ, дар оила, дар муҳити иҷтимоӣ ва дигар муҳитҳои амсоли ин, ҳамчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

г) ҳифзи дастгоҳҳои эклетронӣ, ба мисли компютерҳои ноутбук и воистаҳои сайёри электроне, ки дар он мавод ва ё омор нигоҳ дошта мешавад;

д) ҳифзи калидвожаи мавод ва бастаи ҳуҷҷатҳои махфӣ.